# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 - Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ)**

Дар шароити имрузаи пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифротгароии динӣ яке аз масъалаҳоест, ки бисёре аз муҳаққиқонро ба ташвиш овардааст. Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза, кишвари мо, аз як тараф объекти таваҷҷуҳи геотамаддунии кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ гардида, аз тарафи дигар ба доираи паҳншавии васеи ифротгароӣ дохил шудаанд. Дар чунин шакл паҳн гардидани ифротгароӣ дар ҳавзаҳои фарҳангӣ ва тамаддунии ба мо наздик алоқаманд аст. Дар дохили кишвар низ неруҳои ҷамъиятӣ-ғоявӣ ташаккул ёфтаанд, ки дар фаъолияти худ аз шиорҳои исломӣ истифода менамоянд. Заминаҳои асосии чунин неруҳои ҷамъиятӣ-ғоявӣ, албатта, аз "ҷаҳони ислом" сарчашма мегирад, ки дар доираи равандҳои ҷаҳонишавӣ паҳнгардии онҳо душвориеро ба миён намеорад.

Тамоюли афзоиши ифротгароӣ дар зери парчами динӣ дар давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир бештар аз сабаби зиддиятҳои мавҷуда дар муносибати динҳо ва дар дохили онҳо, фаъол шудани баъзе ташкилотҳои динии хориҷӣ, ки фаъолияти онҳо табиати возеҳ дорад, алоқаманд аст. Аз ин рӯ, вазъи кунунии иҷтимоию ғоявӣ бо назардошти тағйироти ҷаҳонии геополитикӣ тавсеаи миқёси таҳдидҳо ба фарҳанги миллии давлатҳоро тавсиф менамояд. Диссертатсияи пешниҳодшуда чунин масъалаҳоро таҳлили чунин масъалаҳоро дар бар гирифта, хатари ифротгароии диниро ба фарҳанги миллӣ таҳлил намудааст.

Диссертатсияи Давлатзода А.Ш аз рӯйи мазмун ва мундариҷа фарогири мавзуи марбут ба масъалаҳои ифротгароии динӣ ва фарҳанги миллӣ буда, қайд карда мешавад, ки яке аз ҳадафҳои асосии гурӯҳҳо ва равияҳои ифротгароии динӣ пеш аз ҳама решакан кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ мебошад, ки аз исломи бунёдсарчашма мегирад ва имрӯз ҳомиёну дастнишондоди онҳо аз ин таҷрибаи таърихӣ барои татбиқи ҳадафҳои худ аз он истифода менамоянд. Аз ин нуқтаи назар мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ, ки аз рӯйи он шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи нашркардаи муаллиф мазмун ва моҳияти диссертатсияро комилан инъикос менамоянд ва дар маҷаллаҳои эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Аз тарафи дигар дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз он далолат мекунад, ки диссертант воқеан аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, илмӣ, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба мавзуи матраҳшуда огоҳӣ дорад ва аз онҳо маводи заруриро вобаста ба зербобҳои диссертатсия истифода бурдааст.

Дақиқии маълумот, ҳаҷми мувофиқи маводи таҳқиқотӣ ва коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии кори диссертатсиониро таъмин кардаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд. Мазмун ва моҳияти кори диссертатсионӣ масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо хусусияти иртиҷоии таълимоти равияҳои динӣ-ифротӣ доир ба муносибати дину фарҳанг ва роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллӣ муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, вусъати фаъолияти равияҳои динӣ – ифротӣ дар Осиёи Марказӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз он, инчунин роҳу шаклҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ таҳлил ва хулосабарорӣ шудаанд.

Бинобар ин, таҳқиқ ва мутолиа кардани масъалаҳои ба миён гузоштаи диссертант Давлатзода А.Ш. аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ба масъалаи хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ равшанӣ андохта, дар оянда барои донишмандон, муҳаққиқони соҳа, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ, омӯзгорон, ки вобаста ба мавзӯи мазкур таҳқиқот мебаранд, метавонанд истифода шаванд. Маводи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, тарбияи насли наврас истифода намуд.

Сохтори диссертатсия бо ҳадафҳои он мутаносиб буда, он бо баёни пайдарпайӣ ва мантиқии андешаҳо ва нуқтаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, фарқ мекунад. Диссертант бо таҳқиқи мавзуи матраҳшуда масъалаи хатари ифротгароии диниро ба фарҳанги миллӣ таҳқиқ намуда, ба асоснок ва ҳаллу фасли масъалаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар доираи ҳадаф ва вазифаҳои он комёб гардидааст.

Ташхис нишон дод, ки диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» хусусияти эҷодӣ дошта, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқарраротҳи муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 -Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ), мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил- доктори илмҳои фалсафа, муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Арбобзода Баҳодур – номзади илмҳои фалсафа, и.в. мудири кафедраи

сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара.

- Ба сифати муассисаи пешбар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таъйин карда шавад.

- Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 -Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАРД:**

1. Диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 -Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил- доктори илмҳои фалсафа, муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Арбобзода Баҳодур – номзади илмҳои фалсафа, и.в. мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Нурулҳақ Қ.

доктори илмҳои фалсафа Аҳмадов С.

“27” 08 соли 2025